МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТЕСТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Китобчаи ТЕСТ | 2022

**Қисми Б.5**

**Варианти**

- ☑ Забони тоҷикӣ
- ☑ Биология
- ☑ Химия

# 2

## ДАСТУР

Саволнома аз се субтест иборат аст: **забони тоҷикӣ**, **биология** ва **химия**. Ҳар як субтест 20 саволу масъаларо дар бар мегирад.

**Саволу масъалаҳои тест дар ду навъ таҳия шудаанд:** саволу масъалаҳои пӯшида (бо интихоби як ҷавоби дуруст ва муайян кардани мувофиқат) ва кушода.

Дар **саволу масъала бо интихоби як ҷавоби дуруст** чор гуна (вариант)-и ҷавоб дода мешавад, ки танҳо яктояш дуруст аст.

> **!** *Масалан, агар Шумо варианти "B"-ро ҷавоби дурусти савол интихоб кунед, пас онро дар варақаи ҷавобҳо ин гуна ишора намоед:*
>
> 
> 

Дар **саволу масъала барои муайян кардани мувофиқат** ба ҳар унсури дар сутуни чап додашуда (калима, ибора, ҷумла, формула, функсия ва ғайра) аз унсурҳои сутуни рост, ки яктоаш зиёдатист, унсури мувофиқ интихоб карда мешавад.

> **!** *Масалан, агар ба унсури "A", ба фикри Шумо, ҷавоби мувофиқ рақами 2, ба унсури "B" рақами 4, ба унсури "C" рақами 1 ва ба унсури "D" рақами 5 бошад, дар варақаи ҷавобҳо ин гуна ишора намоед:*
>
> 
> 

Ҷавоби ҳосилшудаи **саволу масъалаи кушода** адади бутуни мусбат аст, ки ҳар рақами он дар катаки алоҳидаи варақаи ҷавобҳо навишта мешавад. Воҳидҳои ченак, ба мисли кг, *л*, м, км², °, °C ва ғайра дар варақаи ҷавобҳо **навишта намешавад**.

> **!** *Масалан, агар Шумо **268 кг**-ро ҷавоби дурусти масъала ҳисоб кунед, дар варақаи ҷавобҳо танҳо ададро нависед:*
>
> 
> 

Барои ҷавоб додан ба саволҳо ва ҳалли масъалаҳои тест **150 дақиқа** муайян шудааст.

> **!** Пас аз шинос шудан бо дастур, ки маъмури имтиҳон хондааст, дар паси варақаи ҷавобҳо ҷумлаи **«*Бо тартиби гузаронидани имтиҳон шинос шудам*»-ро нависед** ва **имзо гузоред**.
> Дар вақти иҷрои тест **бодиққат бошед**.
> Ҷавобҳоро аввал дар китобчаи тест **ишора намоед/нависед.**
> Агар дар ҷавоб ёфтан ба ягон саволу масъала душворӣ кашед, **саросема нашавед** ва **ба ҳаяҷон наомада**, ба иҷрои тест идома диҳед. Пас аз ҷавоб гуфтан ба дигар саволу масъалаҳо ба саволу масъалаи бароятон душвор **баргардед.**

### ТАРТИБИ ПУР КАРДАНИ ВАРАҚАИ ҶАВОБҲО

- пеш аз ҷавоб додан ба саволҳо ва ҳалли масъалаҳо дар варақаи ҷавобҳо **рақами варианти китобчаи тести худро ишора намоед**;
- ҷавобро дар варақаи ҷавобҳо мувофиқи тартиби пур кардани варақаи ҷавобҳо, чунонки дар боло нишон дода шуд, **ишора намоед/нависед;**
- **аз ёд набароред,** ислоҳ намудани ҷавоб дар варақаи ҷавобҳо **МУМКИН НЕСТ** – ҷавоби ба тарзи дигар ишорагардида/навиштешуда ва ислоҳгардида **ба назар гирифта намешавад**;
- пеш аз супоридани варақаи ҷавобҳо бори дигар **боварӣ ҳосил намоед**, ки ҷавоби ҳамаи саволу масъалаҳо дар варақаи ҷавобҳо ишора/навишта шудааст.

***Ба Шумо комёбӣ мехоҳем!***

**1** **Кадом калима ду ҳарфи йотбарсар дорад?**

A) яксӯя B) хаёлӣ C) сурайё D) миёнаравӣ

**2** **Дар кадом калима ҳангоми иборасозӣ ташдиди ҳамсадо барқарор мешавад?**

A) нур B) бор C) кул D) бол

**3** **Ҳаммаъноҳои калимаи** ***мақсад*** **кадоманд?**

A) нақша, умед B) қасд, орзу C) даромад, фоида D) мурод, матлуб

**4** **Дар кадом банд ибораи рехта (фразеологӣ) дода шудааст?**

A) андеша кардан
B) дар андеша афтодан
C) фикру мулоҳиза намудан
D) дар хаёли чизе будан

**5** **Ба ҷойи сенуқта ибораи рехтаи мувофиқро гузоред:**

*Маро ба он ҷо таклиф накунед, ман ҳоло, ҳатто ... ҳам надорам.* Ф. Муҳаммадиев

A) вақти касеро гирифтан
B) вақти ба ваҳми ҷон афтодан
C) вақти сар хоридан
D) вақти касеро чоқ кардан

**6** **Услуби матнро муайян намоед:**

*Ба ҳамаи адибон, хосса ба ҷавонадибони боистеъдоди Тоҷикистон то чӣ андоза меҳрубону ғамхор, мададрасону пуштибон будани устод М. Турсунзодаро Лоиқ Шералӣ дар як мусоҳибае бо рӯзноманигор Салими Зарафшонфар чунин ифода кардааст: “Агар Турсунзода намебуд, ман на фақат ҳамчун шоир, балки ҳамчун одам гумном мешудам. Турсунзода намебуд, ман ҳам намебудам. Ман дар ин дунё ба ду тан сари таъзим фуруд меорам ва аз замин то осмон қарздорам...*

*– Ба модарам ва Турсунзода. Якумӣ маро ҳаёт бахшид, дувумӣ ҳаётамро имтидод бахшид. Ман эркашогирди Турсунзода будам.”* “Омӯзгор”

A) бадеӣ B) расмӣ C) илмӣ D) публитсистӣ

**7** **Дар ҷумла кадом навъи шумора истифода шудааст?**

*Дилмурод, барои кӯтоҳ кардани роҳ, аз даруни ду деҳа ва се ҷӯйи калон ва ҳафт ҷӯйи хурд ва чаҳор пали васеи пахта миёнбур гузашта, ба Ҳаёти нав, ба ҳавлиаш омад.* Ӯ. Кӯҳзод

A) аслӣ B) касрӣ C) тахминӣ D) тартибӣ

**8** **Кадоме аз ин калимаҳо сифатанд?**

A) сабзиш, дониш
B) бомаърифат, баркамол
C) раванда, гӯянда
D) тарбия, маърифат

**9** **Ба ҷойи сенуқта феъли замони ҳозираи давомдорро гузоред:**

*Гӯё ин масъала ба онҳо ҳеҷ дахл надорад, гап дар бораи корхонаи худашон не, балки кадом як муассисаи бегона ... .* Б. Абдураҳмонов

A) меравад B) хоҳад рафт C) бояд равад D) рафта истодааст

**10** **Ба ҷойи сенуқта ҳиссачаи мувофиқро гузоред:**

*... ҳанӯз дилатон хунук нашудааст?* С. Айнӣ

**A)** Кошки **B)** Албатта **C)** Магар **D)** Бале

**11** **Ибораи *сари кӯҳи баланд* бо кадом роҳ сохта шудааст?**

**A)** алоқаи изофӣ
**B)** алоқаи ҳамроҳӣ
**C)** алоқаи вобастагии пешояндӣ
**D)** алоқаи вобастагии пасояндӣ

**12** **Ҷумлаи содаи яктаркибаро муайян кунед:**

**A)** Ман ҳам аз паи орзуи худ шудам. П. Толис
**B)** Як моҳ дар меҳмонхонаи ӯ будам. Сорбон
**C)** Аммо ин дафъа кор дигар хел шуд. П. Толис
**D)** Ман ба вай маъқул шудам. Сорбон

**13** **Ба ҷойи сенуқта ҳоли тарзи амали мувофиқро гузоред:**

***Модарам ... бархоста аз хона берун шуд.*** С. Улуғзода

**A)** осудаҳолона **B)** боғайратона **C)** оҳиста **D)** тамошокунон

**14** **Дар кадом қатор ҷумлаи мураккаби тобеъ дода шудааст?**

**A)** Сом номаро хонда, чеҳрааш тира гашт ва ба андеша фурӯ рафт. С. Улуғзода
**B)** Ороста бо лаби остини васеъ рӯяшро панаҳ намуду китфони резааш аз шавқ ларзиданд. Ҷ. Акобир
**C)** Аспи сафеди шӯхи вай бозикунон по мекӯфт, чашмонаш аз камоли хурсандӣ барқ мепошиданд. Ҷ. Икромӣ
**D)** Касе, ки дар кӯҳҳо будааст, накҳати дилангези гулу гиёҳҳои он ҷоро шамидааст. П. Толис

**15** **Калимаи *ҳамийят* дар сухани Абдураҳмони Ҷомӣ аз "Баҳористон" чӣ маънӣ дорад?**

***Мардон борро ба неруи ҳиммат ва бозуи <u>ҳамийят</u> кашанд, на ба қуввати тан ва захомати бадан.***

**A)** номус, ғайрат
**B)** ирода, кӯшиш
**C)** нармӣ, мулоимӣ
**D)** ғафсӣ, танумандӣ

**16** **Вазифаи ҳарфи *ӣ*-ро дар калимаҳо муайян намоед:**

**A)** воҳӯрӣ
**B)** оштӣ
**C)** наздикӣ
**D)** сафолӣ

**1)** овози таркиби калима
**2)** пасванди зарфсоз
**3)** пасванди исмсоз
**4)** бандаки феълӣ
**5)** пасванди сифатсоз

**Ҷавоб**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**17** **Калимаҳои зидмаъноро муайян кунед:**

A) покиза
B) пинҳон
C) ҳушёр
D) озод

1) маст
2) банда
3) бехабар
4) нопок
5) ошкор

Ҷавоб

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**18** **Бо пасвандҳо калимаи нав созед:**

A) намак
B) хоб
C) шох
D) сабза

1) -гоҳ
2) -истон
3) -дон
4) -зор
5) -сор

Ҷавоб

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**19** **Иборaҳои изофӣ созед:**

A) абр
B) гул
C) борон
D) сабза

1) тар
2) сиёҳ
3) найсон
4) нилгун
5) ҳамешабаҳор

Ҷавоб

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**20** **Шарҳи дурусти байтҳои Эраҷ Мирзоро интихоб кунед:**

A) Чун хӯй кунад забон ба дашном,
Он беҳ, ки бурида бод аз ком.

B) Аз айби касон забон фурӯ банд,
Айбаш ба забони хеш мапсанд.

C) Дар суҳбати сифла чун дароӣ,
Биттабъ ба сифлагӣ гароӣ.

D) Бо мардуми бошараф даромез,
То табъи ту бошараф шавад низ.

1) Бо инсонҳои неку ҷавонмард ҳамнишин шав, зеро ба шахсияти ту таъсири мусбат мерасонанд.

2) Дӯстӣ неъмати бузургест, бояд аз он хуб истифода кунӣ

3) Камбуду эроди дигаронро нодида гир ва дар бораи он сухан нагӯ.

4) Бо одамҳои паст ҳамнишин нашав, зеро туро ҳам ба пастӣ мекашанд.

5) Бадтарин забон забони касест, ки ба ҳарфи бад гуфтан одат карда бошад.

Ҷавоб

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**1** **Плазма - ин**

A) моеи муҳити дохилии организм
B) моддаи ғайриузвӣ
C) моддаи узвӣ
D) моддаи моеи байниҳуҷайравӣ

**2** **Мисоли пайвастшавии ниммутаҳаррики устухонро муайян намоед.**

A) сутунмуҳра B) косахонаи сар C) устухони рон D) устухонҳои зону

**3** **Кай марҳилаи сустхобӣ авҷ мегирад?**

A) баъди 30 дақиқаи хоб бурдан
B) баъди 1-1,5 соати хоб бурдан
C) дарҳол баъди хоб бурдан
D) дарҳол баъди хоби лаҳзавӣ

**4** **"Одамони бехотир бояд тамоми умр дар ҳолати навзодӣ монанд." Ин сухан ба кадом олим мансуб аст?**

A) Павлов И.П. B) Пирогов Н.И. C) Анохин П.К. D) Сеченов И.М.

**5** **Кадом узви системаи ҳозима дар расм бо рақами 2 ишора шудааст?**




A) ҷигар
B) талхадон
C) ғадуди зери меъда
D) рӯдаи дувоздаҳангушта

**6** **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳудудҳои табиӣ ва объектҳои махсус муҳофизатшаванда" кадом сол қабул гардид?**

A) 2008 B) 2007 C) 1999 D) 1996

**7** **Намояндаи редусентҳоро муайян намоед.**

A) шоҳин B) оҳу C) мағор D) чинорак

**8** **Тарафи ба ҷисм часпидаи бадани рӯдаковокҳо.**

A) кафи пой B) қамчинак C) миҷгонак D) мӯйлаб

**9** **Кадом паранда ба қатори парандаҳои даррандаи шабона дохил мешавад?**

A) шоҳин B) бум C) боша D) бургут

**10** **Илме, ки ҳашаротҳоро меомӯзад.**

A) орнитология B) энтомология C) протозоология D) экология

**11** **Тортанакшаклҳо чанд ҷуфт пойи гашт доранд?**

A) чор ҷуфт B) шаш ҷуфт C) се ҷуфт D) панҷ ҷуфт

**12** **Афзоиши ҷинсии гидра кай ба амал меояд?**

A) тобистон B) баҳор C) зимистон D) тирамоҳ

**13** **“Кардинал” номи яке аз навъҳои кадом растании кишоварзӣ аст?**

A) сабзӣ B) гандум C) картошка D) пахта

**14** **Кадом растанӣ лӯндареша дорад?**

A) пиёз B) картошка C) картошкагул D) лола

**15** **Растании бисёрсоларо муайян намоед.**

A) бодиринг B) карам C) лола D) турб

**16** **Сӯзанбаргон ба кадом шуъбаи растаниҳо мансубанд?**

A) лучтухмҳо B) пӯшидатухмҳо C) чилбандҳо D) сарахсҳо

**17** **Мағор намояндаи кадом гурӯҳи организмҳо аст?**

A) гулсангҳо B) обсабзҳо C) занбӯруғҳо D) бактерияҳо

**18** **Унсури таркиби хун ва вазифаи онро мувофиқ кунед:**

A) тромбоситҳо
B) эритроситҳо
C) плазмаи хун
D) лейкоситҳо

1) таъмини часпакии хун
2) кашондани $O_2$ ва $CO_2$
3) иштирок дар лахташавии хун
4) синтези витаминҳо
5) муҳофизати бадан аз бактерияҳо

**Ҷавоб**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**19** **Мувофиқатро муайян кунед:**

**Типи ҳайвонот**

A) исфанҷҳо
B) лӯндакирмҳо
C) рӯдаковокҳо
D) нармтанҳо

**Намоянда**

1) медуза
2) харчанги дарёӣ
3) аскарида
4) бадяга
5) ҳаштпо

**Ҷавоб**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**20** **Мувофиқатро муайян кунед:**

**Мева**

A) ғуҷуммева
B) ғилофак
C) донакмева
D) ғӯза

**Растанӣ**

1) зағир
2) шалғам
3) ангур
4) офтобпараст
5) зардолу

**Ҷавоб**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**!** **Лутфан, ба варақаи ҷавобҳо гузаронидани ҷавобҳоятонро фаромӯш накунед. Пур кардани варақаи ҷавобҳо ҳатмӣ аст.**

**1** **Дар кадом қатор ҳамаи элементҳо валентнокии доимӣ доранд?**

**A)** Na, O, Zn **B)** Na, S, Ca **C)** K, Cl, Cu **D)** Ca, P, Al

**2** **Моддаҳои соддаро муайян кунед.**

**A)** графит ва аммиак
**B)** хром ва глюкоза
**C)** нитроген ва алмос
**D)** ҳидрогенбромид ва озон

**3** **Дараҷаи оксидшавии нитрогенро дар $N_2O$ муайян намоед.**

**A)** +1 **B)** +2 **C)** –2 **D)** +3

**4** **Дар системаи $CO_{(г)} + H_2O_{(г)} \rightleftarrows CO_{2(г)} + H_{2(г)} + Q$ ҳангоми иҷрои кадом амал мувозинати химиявӣ ба тарафи маҳсули реаксия мелағжад?**

**A)** баланд кардани ҳарорат
**B)** кам кардани консентратсияи $H_2O$
**C)** зиёд кардани консентратсияи CO
**D)** паст кардани фишор

**5** **Дар кадом қатор элементҳо бо зиёдшавии хосияти ғайриметаллиашон ҷойгир шудаанд?**

**A)** F → Br → I **B)** Cl → P → As **C)** N → C → Si **D)** Se → S → O

**Ҷой барои сиёҳнавис**

**6** **Қатори элементҳоеро, ки бо формулаи умумии $R_2O_3$ оксидҳоро ҳосил мекунанд, муайян намоед.**

**A)** C, Si, Ge **B)** Mg, Ca, Be **C)** Al, B, Ga **D)** K, Na, Li

**7** **Дар *d*-орбиталҳои атоми Mn чандто электрон мавҷуд аст?**

**A)** 4 **B)** 6 **C)** 3 **D)** 5

**8** **Кадом намак ҳидролиз намешавад?**

**A)** NaCl **B)** $CuSO_4$ **C)** $NH_4Cl$ **D)** $K_2CO_3$

**9** **Ҳангоми диссотсиатсияи пурраи 1 моли кадом модда миқдори зиёдтарини ионҳо ҳосил мешавад?**

**A)** $NH_4Cl$ **B)** $H_2SO_4$ **C)** $K_2CO_3$ **D)** $Cr(NO_3)_3$

**10** **Дар нақшаи табдилоти $Cr_2O_3 \xrightarrow{+X} Cr$ моддаи X-ро муайян кунед.**

**A)** Pb **B)** $SO_3$ **C)** Al **D)** $CO_2$

**11** **Бо маҳлули карбонати калий кадом модда ба реаксия дохил мешавад?**

**A)** CO **B)** MgO **C)** KBr **D)** $CO_2$

**12** **Кадом моддаро ҳамчун нурии минералӣ истифода мебаранд?**

**A)** $KNO_3$ **B)** $PbSO_4$ **C)** $HgCl_2$ **D)** $SnCl_2$

<u>Ҷой барои сиёҳнавис</u>

**13** **Барои сӯхтани 1 моли кадом модда миқдори зиёдтарини оксиген сарф мешавад?**

A) Li B) Ca C) Be D) Al

**14** **Дар нақшаи табдилоти $CuO \xrightarrow{+X} Cu \xrightarrow{+Y} CuCl_2$ моддаҳои X ва Y-ро мувофиқан муайян кунед.**

A) CO ва HCl B) K ва HCl C) C ва $FeCl_2$ D) $H_2$ ва $Cl_2$

**15** **Кадом модда ба синфи алкинҳо мансуб аст?**

A) $CH_3–C≡CH$ B) $CH_2=CH–CH=CH_2$ C) $CH_2=CH_2$ D) $CH_4$

**16** **Ҳангоми сӯхтани 60 г этан чанд литр (ш. м.) оксиди карбон (IV) ҳосил мешавад?**

A) 56,0 B) 89,6 C) 44,8 D) 33,6

**17** **Мувофиқати формула ва номи намакро муайян намоед:**

A) $MnOHNO_3$
B) $Na_2HPO_4$
C) $MgOHNO_3$
D) $NH_4H_2PO_4$

1) диҳидрофосфати аммоний
2) ҳидроксонитрати манган (II)
3) ҳидроксонитрати магний
4) ҳидрофосфати аммоний
5) ҳидрофосфати натрий

**Ҷавоб**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| A | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| B | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| C | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| D | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**Ҷой барои сиёҳнавис**

**18** **Мувофиқати муодила ва навъи реаксияро муайян намоед:**

A) $Mg + H_2O \rightarrow MgO + H_2$
B) $MgCO_3 \rightarrow MgO + CO_2$
C) $Mg(OH)_2 + 2HCl \rightarrow MgCl_2 + H_2O$
D) $2Mg + O_2 \rightarrow 2MgO$

1) таҷзия
2) ҷойгирӣ
3) изомеризатсия
4) мубодила
5) пайвастшавӣ

**Ҷавоб**

| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| **A** | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| **B** | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| **C** | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |
| **D** | ○ | ○ | ○ | ○ | ○ |

**19** **Дар 120 г маҳлули 5%-аи ҳидроксиди барий чанд грамм моддаи ҳалшуда мавҷуд аст?**

**Ҷавоб:** ☐☐☐☐ г

**20** **Ҳангоми баҳамтаъсирии руҳ ва кислотаи сероби сулфат 67,2 л (ш. м.) ҳидроген хориҷ шуд. Чанд мол руҳ ба реаксия дохил шуд?**

**Ҷавоб:** ☐☐☐☐ мол

**!** **Лутфан, ба варақаи ҷавобҳо гузаронидани ҷавобҳоятонро фаромӯш накунед. Пур кардани варақаи ҷавобҳо ҳатмӣ аст.**

**<u>Ҷой барои сиёҳнавис</u>**

## ҶАДВАЛИ ДАВРИИ ЭЛЕМЕНТҲОИ ХИМИЯВИИ Д. И. МЕНДЕЛЕЕВ

| ДАВРҲО | ГУРӮҲИ ЭЛЕМЕНТҲО | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | A I B | A II B | A III B | A IV B | A V B | A VI B | A VII B | A VIII | | B |
| 1 | (H) | | | | | | H 1 1.00794 Ҳидроген | He 2 4.002602 Гелий | | |
| 2 | Li 3 6.941 Литий | Be 4 9.0122 Бериллий | B 5 10.811 Бор | C 6 12.011 Карбон | N 7 14.007 Нитроген | O 8 15.999 Оксиген | F 9 18.998 Фтор | Ne 10 20.179 Неон | | |
| 3 | Na 11 22.99 Натрий | Mg 12 24.305 Магний | Al 13 26.9815 Алюминий | Si 14 28.086 Силитсий | P 15 30.974 Фосфор | S 16 32.066 Сулфур | Cl 17 35.453 Хлор | Ar 18 39.948 Аргон | | |
| 4 | K 19 39.098 Калий | Ca 20 40.08 Калсий | 21 44.956 Sc Скандий | 22 47.90 Ti Титан | 23 50.941 V Ванадий | 24 51.996 Cr Хром | 25 54.938 Mn Манган | 26 55.847 Fe Оҳан | 27 58.933 Co Кобалт | 28 58.70 Ni Никел |
| | 29 63.546 Cu Мис | 30 65.39 Zn Руҳ | Ga 31 69.72 Галий | Ge 32 72.59 Германий | As 33 74.992 Арсен | Se 34 78.96 Селен | Br 35 79.904 Бром | Kr 36 83.80 Криптон | | |
| 5 | Rb 37 85.468 Рубидий | Sr 38 87.62 Стронсий | 39 88.906 Y Иттрий | 40 91.22 Zr Сирконий | 41 92.906 Nb Ниобий | 42 95.94 Mo Молибден | 43 97.91 Tc Технетсий | 44 101.07 Ru Рутений | 45 102.906 Rh Родий | 46 106.4 Pd Палладий |
| | 47 107.868 Ag Нуқра | 48 112.41 Cd Кадмий | In 49 114.82 Индий | Sn 50 118.71 Қалъагӣ | Sb 51 121.75 Сурма | Te 52 127.60 Теллур | I 53 126.9045 Йод | Xe 54 131.29 Ксенон | | |
| 6 | Cs 55 132.905 Сезий | Ba 56 137.33 Барий | 57 138.9055 La* Лантан | 72 178.49 Hf Гафний | 73 180.9479 Ta Тантал | 74 183.85 W Волфрам | 75 186.207 Re Рений | 76 190.2 Os Осмий | 77 192.22 Ir Иридий | 78 195.08 Pt Платина |
| | 79 196.967 Au Тилло | 80 200.59 Hg Симоб | Tl 81 204.38 Таллий | Pb 82 207.19 Сурб | Bi 83 208.980 Висмут | Po 84 209.98 Полоний | At 85 209.99 Астат | Rn 86 [222] Радон | | |
| 7 | Fr 87 [223] Франсий | Ra 88 [226] Радий | 89 [227] Ac** Актиний | 104 [261] Rf Резерфордий | 105 [262] Db Дубний | 106 [263] Sg Сиборгий | 107 [262] Bh Борий | 108 [265] Hs Хассий | 109 [266] Mt Мейтнерий | 110 [272] Ds Дармштадтий |
| ФОРМУЛАҲОИ ОКСИДҲОИ ОЛӢ | $R_2O$ | $RO$ | $R_2O_3$ | $RO_2$ | $R_2O_5$ | $RO_3$ | $R_2O_7$ | $RO_4$ | | |
| ФОРМУЛАҲОИ ПАЙВАСТҲОИ ГИДРОГЕНИИ БУҒШАВАНДА | | | | $RH_4$ | $RH_3$ | $RH_2$ | $RH$ | | | |

Аломати элемент — Ar; Рақами тартибӣ — 18; Массаи атомии нисбӣ — 39.948; Номи элемент — Аргон

| | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ЛАНТАНОИДҲО* | 58 140.12 Ce Серий | 59 140.908 Pr Празеодим | 60 144.24 Nd Неодим | 61 144.91 Pm Прометий | 62 150.36 Sm Самарий | 63 151.96 Eu Европий | 64 157.25 Gd Гадолиний | 65 158.926 Tb Тербий | 66 162.50 Dy Диспрозий | 67 164.930 Ho Голмий | 68 167.26 Er Эрбий | 69 168.934 Tm Тулий | 70 173.04 Yb Иттербий | 71 174.967 Lu Лютетсий |
| АКТИНОИДҲО** | 90 232.038 Th Торий | 91 231.04 Pa Протактиний | 92 238.03 U Уран | 93 237.05 Np Нептуний | 94 244.06 Pu Плутоний | 95 243.06 Am Америтсий | 96 247.07 Cm Кюрий | 97 247.07 Bk Берклий | 98 251.08 Cf Калифорний | 99 252.08 Es Энштейний | 100 257.10 Fm Фермий | 101 258.10 Md Менделевий | 102 259.10 No Нобелий | 103 260.10 Lr Лауренсий |

## Ҷадвали ҳалшавандагии кислотаҳо, асосҳо ва намакҳо дар об

| Ионҳо | $H^+$ | $Li^+$ | $K^+$ | $Na^+$ | $NH_4^+$ | $Mg^{2+}$ | $Ca^{2+}$ | $Ba^{2+}$ | $Sr^{2+}$ | $Al^{3+}$ | $Cr^{3+}$ | $Fe^{2+}$ | $Fe^{3+}$ | $Zn^{2+}$ | $Ag^+$ | $Pb^{2+}$ | $Cu^{2+}$ | $Hg^+$ | $Hg^{2+}$ | $Mn^{2+}$ | $Sn^{2+}$ | $Ni^{2+}$ | $Co^{2+}$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| $OH^-$ | | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳн | Кҳ | Ҳ | Кҳ | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | — | Кҳ | Ҳн | — | — | Ҳн | Ҳн | Кҳ | Ҳн |
| $F^-$ | Ҳ | Кҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Кҳ | Ҳн | Кҳ | Кҳ | Кҳ | Ҳ | Кҳ | Кҳ | Ҳ | Ҳ | Кҳ | Ҳ | Г | Г | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ |
| $Cl^-$ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Кҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳн | Кҳ | Ҳ | Ҳн | Ҳ | Ҳ | Г | Ҳ | Ҳ |
| $Br^-$ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳн | Кҳ | Ҳ | Ҳн | Кҳ | Ҳ | Г | Ҳ | Ҳ |
| $I^-$ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | — | Ҳ | Ҳн | Кҳ | — | Ҳн | Кҳ | Ҳ | Кҳ | Ҳ | Ҳ |
| $S^{2-}$ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Г | Г | Ҳ | Ҳн | Г | Г | Ҳн | Г | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | — | Ҳн | Кҳ | Ҳн | Ҳн | Кҳ |
| $SO_3^{2-}$ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | — | — | Г | — | Ҳн | Ҳн | Ҳн | — | — | Ҳн | Ҳн | — | Ҳн | Ҳн |
| $SO_4^{2-}$ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Кҳ | Ҳн | Кҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Кҳ | Кҳ | Ҳ | Кҳ | Г | Ҳ | Г | Ҳ | Ҳ |
| $PO_4^{3-}$ | Ҳ | Кҳ | Ҳ | Ҳ | Г | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Кҳ | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн |
| $CO_3^{2-}$ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Кҳ | Ҳн | Ҳн | Кҳ | — | — | Ҳн | — | Ҳн | Кҳ | Ҳн | Г | Ҳн | — | Ҳн | — | Ҳн | Ҳн |
| $SiO_3^{2-}$ | Ҳн | Ҳн | Ҳ | Ҳ | — | Г | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Г | Г | Г | Г | Г | — | Г | Г | — | — | Г | Г | Г | Г |
| $NO_3^-$ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Г | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ |
| $AcO^-$ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Г | Ҳ | Ҳ | Г | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Кҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ |
| $CrO_4^{2-}$ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Кҳ | Ҳн | Кҳ | Г | Г | Г | Г | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Ҳн | Г | Ҳн | Ҳн |
| $ClO_4^-$ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ | Ҳ |

*Аломатҳои шартӣ:*

**$AcO^-$** – иони атсетат $CH_3COO^-$; «**Ҳ**» – ҳалшаванда (> 1 г дар 100 г об); «**Кҳ**» – камҳалшаванда (0,001–1 г дар 100 г об); «**Ҳн**» – ҳалнашаванда (< 0,001 г дар 100 г об); «**Г**» – гидролиз мешавад, «**–**» – модда ҳосил нашудааст.

**ҚАТОРИ ЭЛЕКТРОХИМИЯВИИ ШИДДАТИ МЕТАЛЛҲО:**

**Li, K, Ba, Ca, Na, Mg, Zn, Cr, Fe, Co, Sn, Pb (H), Cu, Hg, Ag, Au**

←